Бани одам аъзои якдигаранд!

آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924),
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940),
«Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

1 июни соли 2022
Чоршанбе
№ 44 (14849)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru


## ЧОРАБИНИҲО ОИДИ БЕҲСОЗИИ ТАЪМИНОТИ ОЗУҚАВОРӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 31 май ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба чорабиниҳои бетанаффус таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ баргузор гардид.**

Дар тамоми ҷаҳон маҳдудият пурзӯр гардида, нархи озуқаворӣ меафзояд. Он чиз, ки дар бозори ҷаҳон ғалладона 50 фоиз, равғани растанӣ 33 фоиз, шакар 14 фоиз, нафт 47 фоиз афзуд, наметавонад ба нарх дар мамлакатамон таъсир нагузорад. Барои мисол, моҳи май дар вилоятҳои Қашқадарё ва Наманган афзоиши нархи картошка, орд ва шакар ба қайд гирифта шудааст.

Бинобар ин дар ҷамъомад масъалаҳои афзоиши истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти озуқаворӣ, аз он ҷумла мурғи парранда ва ҳайвонот муҳокима гардиданд.

Гӯшти парранда ва тухм озуқаворӣи арзон ва серғизо мебошад, ки давраи силсилаи истеҳсолашон кутоҳ аст. Аммо дар бисёр минтақаҳо ҳаҷми истеҳсоли гӯшти парранда талаби аҳолиро қонеъ гардонда наметавонад. Беш аз 50 корхонаи калони соҳа бо ними иқтидори худ кор мекунад. Дар таъминоти онҳо бо озуқа, аз он ҷумла ғалладона, мушкилот вуҷуд дорад.

Дар ҷамъомад чорабиниҳои аниқи ҳалли ин мушкилот муайян карда шуданд. Аз он ҷумла аз 1 июн барои хоҷагиҳои паррандапарварӣ ба миқдори 400 миллиард сӯм кредити револвер барои хариди ғалладона ҷудо карда мешавад. Аз тариқи Фонди давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои онҳо ҳомигӣ дар миқдори 50 фоизи товон оид ба кредит ва ҷуброн барои фоизҳои кредит дар қисме, ки аз 17 фоизи ставка зиёд аст, пешниҳод карда мешавад. Инчунин дар бобати пешниҳод оиди дароз намудани муддати сарпур намудани кредите, ки аз ҷониби хоҷагиҳои паррандапарварӣ барои гардиши маблағ дода мешаванд, сухан ба миён омад.

Дар бобати таҳлили бозори маҳсулоти паррандапарварӣ ва дуруст ҷойгир намудани лоиҳаҳои соҳавӣ, рақамисозии тамоми ҷараён аз истеҳсолот то фурӯши маҳсулот супоришҳо дода шуд.

Ба самаранокии парвариши паррандаи хонагӣ дар асоси кооператсия ишора гардид. Барои мисол, дар ноҳияи Нуробод соҳибкорон бо роҳи тақсими инкубаторҳо тахия намудани гӯшти парранда ва тухмро якҷоя бо аҳолӣ роҳандозӣ намуданд. Имрӯз ноҳия дар бобати ин маҳсулот ба худкифоӣ расид, гузашта аз он ба шаҳри Самарқанд ва ноҳияҳои ҳамсоя гузоштани маҳсулотро сар кард.

Дар ҷамъомад ногузирии паҳн намудани таҷрибаи мазкур, вобаста намудани хоҷагиҳои паррандапарварӣ ба маҳаллаҳои алоҳида, ташкили курсҳои паррандапарварӣ барои аҳолӣ таъкид гардид. Барои ҳар як маҳаллаи соҳиби чунин хоҷагӣ дар доираи барномаи соҳибкории оилавӣ кредити имтиёзнок ба миқдори 200 миллион сӯм ҷудо карда мешавад. Аз ҳисоби ин маблағ аҳолӣ бо чӯҷа ва озуқаворӣ таъмин карда мешавад.

Чорводорӣ барои зиндагии фаровони аҳолӣ ва барқарории нарх аҳамияти муҳимро молик аст. Дар ин соҳа бисёр маҳсулоти намудҳои озуқаворӣ истеҳсол мегардад.

8 феврали соли ҷорӣ қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳои минбаъд инкишоф додани чорводорӣ ва мустаҳкам намудани пойгоҳи озуқа» қабул гардида буд. Бинобар ин ҳуҷҷат ҳаҷми субсид барои хоҷагиҳои чорводорӣ барои ҳар як килограмми гӯшт аз 2 ҳазор то 4 ҳазор, барои ҳар як литри шир аз 200 то 400 сӯм боло бурда шудааст. Техникаи кишоварзие, ки аз хориҷ дохил карда мешавад, аз тамоми пардохтҳо озод карда шудааст. Барои истеҳсолгарон кредитҳои имтиёзнок ба миқдори 170 миллион доллар кушода шудааст. Муайян карда шуд, ки дар бештар аз 200 ҳазор гектар майдонҳои пахта ва ғалла зироати озуқаворӣ бо роҳи гардиши кишт парвариш карда мешавад.

Дар ҷамъомад корҳое, ки дар ин самт ба амал меоянд, дар басти минтақаҳо баррасӣ гардид. Аз он ҷумла, бо истифода аз имконоти бавуҷудоварда дар вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Фарғона ва Хоразм аз ҷониби кластерҳои пахтаву бофандагӣ 35 фермаи чорводорӣ ба миқдори 18 ҳазор сар молҳои шохдори бузург ба вуҷуд оварда шудааст. Аммо ба роҳ андохтани 70 чунин маҷмӯа дар вилоятҳои Сурхондарё, Самарқанд, Сирдарё, Қашқадарё, Наманган, Ҷиззах ва Тошканд боздошта мешаванд. Ҳамзамон низом дар ташкили истеҳсоли кооперативии гӯшт ва шир дар хоҷагиҳои хонагӣ вуҷуд надорад.

Ғайр аз ин кор дар бобати ташкили гардиши зироати пахта, ғалладона ва намудҳои озуқа дар майдони 200 ҳазор гектар нақшаи муайяне надорад.

Бинобар ин дар назди муовини Сарвазир вазифаи тасдиқ намудан ва ташкил кардани гардиши зироат дар ҳар як ноҳия, таъмини фермерон бо тухмии серҳосили намудҳои озуқа гузошта шуд. Ҳамзамон аҳамияти васеъ намудани домани хидматрасонии байторӣ ба хоҷагиҳои чорводорӣ ва хонагӣ таъкид гардид. Чорабиниҳои дастгирӣ бо мақсади таъмини бетанаффуси аҳолӣ бо озуқаворӣ муайян карда шуданд. Аз он ҷумла, 1 май муддати эътибори тартибе, ки бинобар он 22 намуди маҳсулоти озуқаворӣ, мисли гӯшт, моҳӣ, маҳсулоти шир, мева, равғани растанӣ, ки аз пардохти гумрук озод карда шуда буданд, ба охир расид. Дар бобати дароз намудани ин муддат то 1 январи соли 2023 қарор гардид. Инчунин татбиқи ставкаҳои баланди пардохт барои ворид намудани маҳсулоти озуқаворӣ боздошта мешавад. Маҳдудияти дохил намудани озуқаворӣ дар доираи хариди давлатӣ муваққатан бекор карда мешавад.

Ба Кумитаи зиддимонополия бинобар таъмини рақобат дар бозор ва роҳ надодани беасос баланд гардидани нарх супоришҳо дода шуд.

Дар ҷамъомад ҳокимони вилоятҳо ва ноҳияҳо, роҳбарони соҳаҳо ҳисобот доданд.

**ӮзА.**




*Дар Наманган намоишгоҳи минтақавии байнисоҳавии саноатӣ бо иштироки корхонаҳои саноати бинокорӣ, саноати сабук, чарму пойафзол, мебел, электротехника, дорусозӣ ва хӯрокворӣ баргузор шуд. Дар намоишгоҳ зиёда аз 190 корхонаи саноати соҳавии минтақа ва субъектҳои соҳибкорӣ ширкат намуданд. 150 корхонаи саноатии вилоят бо маҳсулоти худ дар намоишгоҳ иштирок карданд. Ҳадаф аз баргузории намоишгоҳи саноатӣ роҳандозии робитаҳои кооперативӣ дар таъмини маҳсулоти воридотивазкунанда ба корхонаҳои бузурги саноатӣ аз ҷониби соҳибкорони хурди хусусии маҳаллӣ мебошад.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

## МОҲИЯТИ ИСЛОҲОТИ ОЗОДГАРДОНИИ БОЗОРИ ҒАЛЛА

***Солҳои охир чун дигар ҷабҳаҳои иқтисодиёт дар соҳаи хоҷагии қишлоқи кишвар низ озодгардонӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи фермер ва деҳқонон, баланд бардоштани манфиатдории моддии онҳо корҳои назаррас ба амал бароварда мешавад. Маълум ки паҳнгардии пандемияи коронавирус дар тамоми дунё дар расонда додани маҳсулоти навъҳои асосии озуқаворӣ муаммоҳо ба вуҷуд оварда буд. Ба мақсади таъмин кардани аҳолӣ бо маҳсулоти асосии истеъмолии арзон – орди сифатнок ва нон аз ҷониби Девони Вазирон механизми расонда додани он ҷорӣ гардид. Ин тартиб то имрӯз амал мекард ва ин чораи муваққатӣ вазифаи худро иҷро кард.***

Ба мақсади таъмини бозори дохилӣ бо орди арзон ва нон нархи аз ҷониби давлат муқаррар гардида ба хариди орд ба тамоми бозор мувофиқат накард ва аз он хоҷагиҳои истеҳсоли дон (ғалла) зарар дид, нархи байни маҳсулоти дони истеҳсоли маҳаллӣ ва воридотӣ ба шаклгирии муҳити коррупсионӣ сабаб шуд, ҳангоми ҷорӣ гардидани интизоми мазкур бисёри тадбиркорон роҳи осони даромадро ба даст даровrouteанд. Маҳсулоти захираи давлатро ба аҳолӣ пурра дастрас нанамуда, дар бозор бо нархи қимат фурӯхтанд. Инчунин қисми зиёди маҳсулоти барои дастрасии нони «қолабӣ» (буханка) муқарраршуда ба истеҳсолот нарасида фурӯхта шуданд.

Аз туфайли нигоҳ доштани нархи арзони нони қолабӣ дар шаҳри Тошканд ва аз сабаби қимат будани хӯроки чорпоён нони қолабиро ҳамчун ғизои чорпо мехариданд. Хуллас, орде, ки аз захираи давлат дар натиҷаи азнавкоркарди дон истеҳсол мегардид, пурра ва бо нархи арзон дастраси аҳолӣ нагардид.

Ба мақсади роҳ надодан ба ҳолатҳои номбурда аз соли ҷорӣ ба ҷараёни хариди ғалла пурра ҷорӣ намудани механизмҳои бозорӣ дар назар аст. Барои фароҳам овардани шароити мусоид ба ҳамаи истеъмолчиён озодгардонии бозори ғалла ба роҳ монда мешавад.

28 майи соли ҷорӣ қарори Президент «Доир ба чораҳои иловагии ҷорӣ кардани тамоили бозор дар истеҳсоли ғалла ва фурӯши он» қабул гардид. Мувофиқи он аз 1 июни соли ҷорӣ хариди ғалла ва фурӯши он дар асоси нархи бозор ба амал бароварда шуда, ба кластерҳои ғаллакорӣ ва фермерии соҳа ба фурӯш баровардани истеҳсоли худ бо нархи бозор рухсат дода шуд. Моҳияти асосии ин ислоҳот дар чист? Ба ин ва дигар саволҳои пешомада дар анҷумани матбуотие, ки дар Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ барпо гардид, мутахассисони соҳа батафсил ҷавоб гардонданд.

– Мақсади асосии қабули қарори мазкур пеш аз ҳама, баланд бардоштани манфиатдории моддии истеҳсолкунандагони ғалла, аз ҷумла, хоҷагиҳои фермерӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани ҳаҷми ҳосилнокӣ ва истеҳсоли ғалла мебошад, – таъкид намуд муовини вазири хоҷагии қишлоқ Шӯҳрат Мирзоев. – Ин дар навбати худ барои таъмини муттасили бозори дохилӣ бо маҳсулоти дон замина гузошта, ҷозибадории инвеститсиявии соҳаро боло мебардорад.

Дар қарор самти асосии озодгардонии бозори ғалла нишон дода шудааст. Аз ҷумла соли 2022 аз ҳисоби маблағи Бунёди дастгирии хоҷагии қишлоқи назди Вазорати молия 1783 ҳазор тонна гандум ба сифати захираи давлат, 266,5 ҳазор тонна ғалла ба сифати тухмӣ харид карда мешавад.

– Дар зинаи аввал бо ғаллаи ба сифати захираи давлатӣ қабулшуда ба ҳар як тоннаи ғаллаи истеҳсолчиён 3 миллион сӯм ҳақ дода, моҳи сентябр баъди шаклгирии нархи ғалла дар биржа боз аз нав ҳисоб карда мешавад, – таъкид намуд мудири департаменти Вазорати молия Тулқин Мирзоев. – Масалан, моҳҳои июл-август нархи ғалла дар биржа ба ҳар як тонна 3,7 миллион сӯм бошад, ба истеҳсолгарон боз 700 ҳазор сӯмӣ ба ҳар як тонна дода мешавад. Ба ғайр аз ин, моҳҳои июл, август ва сентябр 500 ҳазор тонна ғалла барои дар биржа фурӯхтан ба корхонаҳои дон қабул карда мешавад. Ин маҳсулотро худи фермерҳо бо нархи бозор дар биржа мефурӯшанд ва ҳаққи онро мегиранд. 500 ҳазор тонна ғаллаи ба корхонаҳои дон кашондашуда ва хароҷоти нигоҳдории он аз ҷониби давлат сарпур карда мешавад. Ба ғайр аз ин, ғаллаи навъи 4 ва 5, ки лоиқи азнавкоркард нест, дар савдои биржа бе ҳеҷ як маҳдудият ба истеъмолчиён фурӯхта мешавад.


**(Давомаш дар саҳ.2).**


## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ТАШРИФИ РАСМӢ АЗ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН БОЗДИД БА АМАЛ МЕОРАД

***Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 2-3 июни соли ҷорӣ аз мамлакатамон бо ташрифи расмӣ боздид ба амал меорад.***

Дар рӯзномаи гуфтугӯҳои пешвоёни ду халқи бародар масъалаҳои инкишофи минбаъда ва мустаҳкамсозии муносибати дӯстонаи Ӯзбекистону Тоҷикистон, некҳамсоягӣ ва шарикии стратегӣ, васеъ намудани ҳамкории амалӣ дар соҳаҳои афзалиятноки ҳамкории муфиди тарафайн ҷой доранд.

Эътибори алоҳида ба пешбурди лоиҳаҳои муштараки кооператсия дар соҳаҳои савдо, саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва логистика, энергетика ва ҷанбаҳои дигар, инчунин идома додани алоқаҳои зичи анъанавии байнимитақавӣ ва табодули маданиву гуманитарӣ нигаронда мешавад.

Пешбинӣ мегардад, ки роҳбарони давлатҳо инчунин дар бобати мавзӯъҳои муҳими байналхалқӣ ва минтақавӣ табодули афкор менамоянд.

Дар поёни мулоқот ба имзо расондани бастаи ҳуҷҷатҳои дуҷониба ба нақша гирифта шудааст.

Бояд таъкид кард, ки дар доираи омодагӣ ба ташриф дар дараҷаи олӣ, 30 майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе зери раисии сарвазирони ду мамлакат ҷамъомади 9-уми Комиссияи байниҳукуматии ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ босамар баргузор гардид.

1июн дар шаҳри Тошканд барпо намудани бизнес-форум бо иштироки корхонаҳои пешқадам ва анҷумани илмиву амалӣ бахшида ба масъалаҳои муттасил амиқсозӣ ва боз намудани зарфияти калони шарикии стратегии байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст.

**ӮзА.**

## ҒАМХОРӢ БА МАРКАЗҲОИ МИЛЛИВУ ФАРҲАНГӢ

***Дар қаламрави ҷумҳурӣ беш аз 100 миллату қавмияти гуногун ба сар мебаранд. Барои ҳифз ва рушди забон, фарҳангу адабиёти онҳо дар Сарқонун имконият ва шароит фароҳам оварда мешавад. Ин ақаллиятҳои миллӣ ҳам баҳри пешрафти ҳамаи соҳаҳо саҳми муносиб мегузоранд.***

Дар ҳокимияти вилояти Ҷиззах дар мавзӯи «Корҳое, ки барои ҳамҷиҳатии байналмиллӣ ва кушодадилии динӣ ба сомон мерасанд», конфронси матбуотӣ доир гардид. Дар ин чорабинӣ муовини ҳокими вилоят оид ба корҳои динӣ ва ташкилотҳои ҷамоатӣ Латифҷон Аҳмадҷонов иштирок кард.


**(Давомаш дар саҳ.2).**



***Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,***
***Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон***


## ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН ГУСТАРИШ МЕЁБАНД

***Дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек таърихи ниҳоят қадима дошта, ин ду халқи ҳамсоя асрҳо дар қаламрави воҳид умр ба сар бурда, шарики ғаму шодии ҳамдигар гардидаанд. Ин анъанаи нек дар замони соҳибистиқлолии кишварҳоямон идома ёфта, муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон моҳи октябри соли 1992 аз нав барқарор гардиданд, ки аз ин рӯйдоди таърихӣ сӣ сол сипарӣ мешавад. Имрӯзҳо дар ҳар ду кишвар ба муносибати барқарор гардидани муносибатҳои дипломатӣ чорабиниҳои зиёде амалӣ шуда истодаанд, ки онҳо дӯстиву бародарии халқҳои тоҷик ва ӯзбекро боз ҳам таҳким мебахшанд. Ҳамзамон таъкид бояд кард, ки дар кишвари маҳбубамон омодагӣ ба таҷлили 30 солагии Иҷлосияи таърихӣ ва тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда, дар ин самт корҳои тарғиботӣ аз ҷониби Намояндагии дипломатӣ шурӯъ шудааст ва боварӣ дорем, ки он дар сатҳи баланд доир мегардад.***

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба хотири таҳкими муносибатҳои ҳамҷаворӣ бо ҳам мулоқоту вохӯриҳо доир намуда, мушкилоти ҷойдоштаро аз миён бардошта, роҳи мусолиматомези рушди ҳамкориҳои дуҷонибаро омили муҳими пешрафти ҳар ду кишвар эълон карданд ва барои амалӣ шудани онҳо иқдоми ватандӯстонаро пеш гирифта, барои устувор кардани дастовардҳои таърихӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намуданд.

Бо ҳамин мақсад Президенти Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев моҳи марти соли 2018 ба Тоҷикистон сафари нахустини давлатӣ ба анҷом расонида, бо Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқот доир намуд ва масъалаҳои муҳими ҳамкориҳоро баррасӣ карда, созишномаҳои муштаракро ба имзо расонд. Дар ин замина на танҳо сарҳадҳо дубора боз гардиданд, балки равобити дӯстона миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таҳким ёфта, 26 санади ҳамкории байнидавлатӣ ва байниидоравӣ ба имзо расиданд.

Ба хотири боз ҳам мустаҳкам кардани робитаҳои дӯстона моҳи августи соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташриф овард ва бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев мулоқоту вохӯриҳо доир намуд. Дар рафти сафар 27 созишномаи байнидавлатӣ ва байниидоравӣ, аз ҷумла “Аҳднома оид ба шарикии стратегӣ миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон” ба имзо расид, ки муносибатҳои дуҷонибаи моро ба сатҳи сифатан нави ҳамкориҳои мутақобилан судманд боло бардошт.

Ба хотири боз ҳам тақвият бахшидани равобити дуҷониба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.Мирзиёев моҳи июни соли 2021 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари корӣ ба анҷом расонида, дар натиҷаи сафар 35 ҳуҷҷати муҳими шарикӣ миёни вазорату идораҳои ҳар ду кишвар ба имзо расиданд.

Дар айни замон миёни сохторҳои мухталифи давлативу хусусӣ беш аз 200 созишнома ва шартнома ба имзо расиданд, ки ҳар кадом дар рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мусоидат намуда истодаанд.

Бо мақсади татбиқи ин ҳуҷҷатҳо ва саривақт ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта, дар асоси дастури ду сарвари давлат, инчунин, Комиссияи байниҳукуматӣ миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ таъсис дода шудааст, ки раисии тарафҳои миллии комиссия ба зиммаи сарвазирони кишварҳо вогузор гардидааст. То имрӯз ҳашт ҷаласаи комиссия баргузор шуда, дар онҳо рушди муносибатҳои дуҷониба ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ҳамаи равандҳои ҳаёти иқтисодию тиҷоратӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ мавриди муҳокимаи ҷонибҳо қарор гирифтаанд. Ҷаласаи 9-уми комиссия 30 майи соли 2022 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд. Дар ин ҷаласа як қатор масъалаҳои муҳими стратегӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, якчанд қарордоди шарикӣ ба имзо расид.

Дар муддати чор соли охири шарикии стратегӣ ва ҳамҷаворӣ (солҳо 2018-2022) дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳамкориҳо вусъат ёфта, дар муносибатҳои дуҷониба комёбиҳои назаррас ба чашм мерасанд. Махсусан, дар самти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ҳамкориҳо ба маротиб густариш ёфта, байни корхонаву муассисаҳо ва марказҳои савдову тиҷоратии ду кишвар гардиши молу маҳсулот ба маротиб боло рафтааст. Агар дар соли 2018 гардиши савдои молу маҳсулот миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 287 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 362 млн. доллар ва дар соли 2020 бо дарназардошти мушкилоти пандемияи Ковид-19 ба 333,8 млн. доллари ИМА баробар гаштааст.

24-26 марти соли 2022 дар Форуми байналмилалии сармоягузории дар Тошканд баргузоргардида, он як платформаи нав барои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад, ки дар формати Форум иқтидори сармоягузории Ӯзбекистон ба доираҳои сармоягузор ва соҳибкорон муаррифӣ шуданд.


**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ЎЗБЕКИСТОН ГУСТАРИШ МЕЁБАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳайати Тоҷикистонро дар он Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Н.Ҳикматуллозода ва раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон С.Қодирзода роҳбарӣ намуданд.

Ҳамзамон, дар кори форум зиёда аз 30 ширкату тоҷирони тоҷикистонӣ фаъолона иштирок намуда, ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ бо доираи тиҷоратии Ўзбекистон ва дигар давлатҳои иштирокдор гуфтушунидҳо гузарониданд.

Моҳи апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Тошканд Намоишгоҳи байналмилалии саноатии "Иннопром. Осиёи Марказӣ" баргузор гардид, ки дар кори он ҳайати Тоҷикистон зери роҳбарии вазири саноат ва технологияи нав Ш. Кабир ширкат намуданд. Дар ҳошияи намоишгоҳ вохўрии вазир ва роҳбари намояндагии дипломатӣ бо тоҷирони Тоҷикистон ва Ўзбекистон ва дигар иштирокдорони намоишгоҳ доир гашт. Дар вохўрӣ ба сармоягузорони хориҷӣ оид ба заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва имтиёзҳои ҷойдошта маълумот манзур гардид.

Инчунин, намояндагони корхонаҳои нассоҷӣ ва дўзандагии Тоҷикистон 27-29 апрели соли ҷорӣ дар намоишгоҳи "УзтекстилЭкспо-2022" дар Тошканд иштирок намуданд.

Моҳи апрели соли 2022 мулоқоти муовини Сарвазир – вазири сармоягузорӣ ва савдои хориҷӣ С. Умурзоқов бо ҳайати намояндагии Тоҷикистон баргузор шуд. Дар вохўрӣ оид ба иҷрои дастуру супоришҳои роҳбарони сиёсии ду кишвар, рушди ҳамкориҳои дуҷониба, баргузории Конфронси байналмилалии "Об барои рушди устувор" дар Душанбе, таъмини ҳайати бонуфузи кишвари иқомат дар ин конфронс ва дигар самтҳои ҳамкорӣ изҳори назар гардид.

Дар ин замина моҳи майи соли ҷорӣ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд Конфронс ва "Инфо-тур" оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ барои ширкатҳои саёҳии Тоҷикистон ва Ўзбекистон баргузор шуд. Дар рафти вохўрӣ миёни ширкатҳои сайёҳии ду кишвар зиёда аз 40 созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид.

Дар соҳаҳои гуманитарӣ ва фарҳангӣ низ ҳамкориҳо густариш ёфта, робитаҳо боз ҳам устувор шуда истодаанд. Махсусан, дар соҳаи илму маориф сатҳу сифати ҳамкориҳо рушд карда истодаанд. Солҳои охир миқдори бурсияҳо аз ҷониби ҳар ду кишвар афзоиш ёфта, теъдоди шаҳрвандони Ўзбекистон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, ба маротиб зиёд гардидааст. Танҳо дар соли таҳсили 2021-2022 ба 25 муассисаи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон беш аз 4609 нафар шаҳрвандони Ўзбекистон қабул гардидаанд. Аксари онҳо дар Донишгоҳи омўзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишкадаи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Осимӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Русия – Тоҷикистон ва Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсил менамоянд.

Ҳамзамон як зумра шаҳрвандони Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ўзбекистон дохил шуда, таҳсили худро идома дода истодаанд. Бо ин мақсад дар назди сафорат Шўрои донишҷўёни тоҷикистонӣ таъсис ёфтааст. Намояндагии дипломатӣ бо онҳо чорабиниҳои мухталиф доир менамояд. Ба қарибӣ аъзои раёсати шўро дар бинои сафорат ба иштирокчиёни Форуми ҷавонони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки дар шаҳри Тошканд доир гардид, вохўрӣ доир намуданд. Як қисми онҳо якҷо бо меҳмонон дар Форуми ҷавонони Тоҷикистон дар Ўзбекистон, ки дар вилояти Фарғона баргузор шуд, фаъолона иштирок карда, дар таҳкими муносибатҳои дўстона миёни ҷавонони ҳар ду кишвар ҳиссаи сазовор гузоштанд. Бояд гуфт, ки форуми мазкур дар таҳкими муносибатҳои дўстона миёни ҷавонони тоҷику ўзбек нақши назаррас бозид.

Дар соҳаи илм низ ҳамкориҳо сифати нав касб намуда, миёни муассисаҳои илмии ҳар ду кишвар равобити дуҷониба барқарор шуда, олимони ҳар ду кишвар дар ҳамоишҳои илмии сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ иштирок карда, бо ҳамдигар табодули назар менамоянд ва асарҳои илмиву амалӣ таълиф карда, дар ҳар ду кишвар онҳоро ба чоп мерасонанд. Дар ин замина байни олимони соҳаи табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ҳамкориҳои густурда ба роҳ монда шуда, дар баъзе корҳои тадқиқотӣ ҳамдигарро шарикӣ менамоянд. Дар мулоқоти бо Президенти Академияи илмҳои Ўзбекистон доиргардида, ишора шуд, ки ҷониби Ўзбекистон омода аст дар ҳамаи соҳаҳои илм бо Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳамкорӣ намояд ва дар конфронсҳо иштирок карда, чорабиниҳои муштарак доир намоянд. Ин назари некбинона имкон медиҳад, ки дар оянда муассисаҳои илмии ҳар ду кишвар боз ҳам фаъолтар ба нафъи илм кор намоянд ва лоиҳаҳои муштаракро амалӣ гардонанд.

Ба хотири таҳкими дўстӣ ва кумак ба кормандони соҳаи тибб Ҳукумати Ўзбекистон сохтмони Маҷмааи тиббиро дар ноҳияи Қубодиён бунёд намуд. Маҷмааи мазкур аз шуъбаҳои қабул ва функсионалӣ, ҷарроҳии калонсолон ва кўдакон, урологӣ, чашм, гўшу гулў ва бинӣ, бемориҳои кўдакона, шикастабандӣ, асаб, дил, бемориҳои даруна, занона ва таваллудхона иборат мебошад.

Ҳамкориҳои фарҳангӣ низ миёни ду кишвар дар сатҳи баланди ташкилӣ ба роҳ монда мешавад. Аввали соли 2022 Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ бо Театри калони академии давлатии Ўзбекистон ба номи А. Навоӣ дар Тошканд Ёддошти тафоҳуми ҳамкориро ба имзо расониданд, ки тибқи он сафарҳои ҳунарии дуҷониба, табодули санъаткорон ва дастаҳои ҳунарӣ, лоиҳаҳои муштараки ҳамкориҳои дуҷонибаи фарҳангӣ, иштирок дар фестивал ва чорабиниҳои фарҳангӣ, ташкили курсҳои омўзишӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар ҳамин давра Ёддошти тафоҳум миёни иттифоқҳои рўзноманигорони Тоҷикистон ва Ўзбекистон, инчунин маросими супоридани шаҳодатномаҳои аъзогӣ ба рўзноманигорони варзидаи Ўзбекистон баргузор гардид. Бори аввал дар таърихи муносибатҳои дуҷониба шаш нафар рўзноманигорони ўзбекистонӣ аъзои Иттифоқи рўзноманигорони Тоҷикистон гардидаанд. Ба ғайр аз ин, моҳи майи соли равон миёни Иттифоқи рассомони Тоҷикистону Ўзбекистон Ёддошти тафоҳум ба имзо расонида шуд ва аз 21 то 25 майи соли ҷорӣ бо мусоидати Намояндагӣ намоиши мусавварaҳои рассомони Тоҷикистон ва рассоми тоҷиктабори ўзбекистонӣ Э. Абдуллоев дар Тошканд доир гардид. Бояд тазаккур дод, ки чорабиниҳои мазкур бори аввал дар ин сатҳ дар пойтахти Ўзбекистон – шаҳри Тошканд доир шуда, саҳифаи нав дар рушди ҳамкориҳои рассомони ду мамлакат мебошад.

Ба хотири арҷ гузоштан ба чеҳраҳои адабию фарҳангӣ низ дар кишвари дўсту ҳамсоя як қатор чорабиниҳо доир мешаванд. Онҳо ҷашнҳои устод М. Турсунзода, С. Улуғзода, Ҷ. Қувноқро дар сатҳи баланд дар шаҳри Тошканд ва вилоятҳои Ҷиззаху Намангон доир намуданд. Ба қарибӣ дар бинои Кумита оид ба муносибатҳои байналмилалӣ ва дўстӣ бо кишварҳои хориҷии назди Девони Вазирони Ўзбекистон чорабинии маънавӣ-фарҳангӣ бахшида ба 81-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ доир гашт, ки дар кори он сафири Тоҷикистон дар Ўзбекистон иштирок ва суханронӣ намуд.

Бо пешниҳоди роҳбарияти олии ду кишвар ҷиҳати таҳия филми ҳунарӣ дар бораи таърихи дўстии халқҳои тоҷику ўзбек, дар симои Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва дар ин самт аз ҳарду ҷониб гурўҳҳои корӣ таъсис дода шуда, таҳия, коркард ва эҷоди филмнома мавриди корбарӣ қарор гирифт. Ҳоло синопсиси ин филм омода шуда, барои шиносоӣ ба ду сарвари давлат пешниҳод гардидааст. Умедворем, ки баъди гирифтани назару андешаҳои ду роҳбар масъалаи таҳияи намоишнома ва наворбардории филм оғоз хоҳад ёфт.

Дар ҳақиқат, миёни Тоҷикистон ва Ўзбекистон муносибатҳои некбинонаи иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ бо суръат идома дошта, ин иқдом дар таҳкими муносибатҳои дўстона нақши бузург бозида истодааст. Ҳар ду Сарвари хирадманд ва дурандеш – Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев кўшиши онро доранд, ки анъанаҳои неки бародаронаро боз ҳам пойдор гардонанд ва миёни халқҳои тоҷику ўзбек дўстии абадиву ҷовидонаро мустаҳкам намоянд.

Ба ин хотир рўзҳои наздик сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ўзбекистон ба нақша гирифта шудааст. Бовар дорем, ки дар ин сафар масъалаҳои ҳамкорӣ боз ҳам васеъ баррасӣ мешаванд ва равобити дўстона ҳарчи зиёдтар таҳким меёбанд. Дар доираи ин сафар вохўрии соҳибкорон, форуми иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, конфронси илмиву амалии минтақавӣ ва якчанд чорабинии дигари фарҳангӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Умедворем, ки ин сафари Президент, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишвари дўсту ҳамсоя ва вохўриаш бо Президенти Ўзбекистон, муҳтарам Ш. Мирзиёев саҳифаҳои нави ҳамкориро миёни ин ду халқи дўсту бародар боз менамояд ва равобити мо боз ҳам қавитар мегардад.

**Интихоботи раисони маҳаллаҳо дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат воқеаи муҳим мебошад. Зеро ҷамъияти навро бо мизон, қоида ва тартибҳои кўҳна наметавон сохт.**

# НОМЗАДҲОИ БЕҲТАРИН ИНТИХОБ ГАРДИДАНД

Аз ин рў, бар асоси моддаи 105-уми Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон, моддаи 23-юми Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон — «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрвандон», моддаҳои 8, 10 ва 11-уми Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон — «Дар бораи интихоботи раис (оқсақол)-и ҷамоати шаҳрвандон» ва қарори Шўрои Сенати Олий Маҷлис аз 16-уми марти соли 2022 «Дар бораи омодагӣ ва баргузории интихоботи раисони ҷамоати шаҳрвандон» аз 16-уми майи соли равон сар карда, то 24-уми май дар 265 ҷамоати шаҳрвандони вилояти Навоӣ низ интихоботи навбатии раисони маҳаллаҳо гузаронида шуд.

Ин маъракаи муҳими моликиаҳамияти сиёсӣ дар асоси тамоюлҳои демократӣ гузаронида шуда, ба мақоми раис номзадҳои беҳтарин интихоб гардиданд.

Бино ба маълумоти Хидмати матбуоти Садорати дастгирии маҳалла ва нуроиёни вилояти Навоӣ дар интихобот ҷамъ 678 нафар шаҳрванд ба мақоми раиси маҳалла номзади худро пешниҳод карда, аз онҳо 265 нафар интихоб шуданд. Аз онҳо 145 нафар аз рўйи ихтисос омўзгор, 37 нафар муҳандис, 4 нафар ҳуқуқшинос, 27 нафар иқтисодчӣ ва 52 нафар намояндагони соҳаҳои дигар мебошанд.

Хуб медонем, ки масъулияти вазифаи раиси маҳалла сол аз сол зиёд мешавад. Бинобар ин, талаб ба номзадҳо низ меафзояд. Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Каттасой низ ба вазифаи раиси маҳалла се нафар сокини деҳа номзади худро пешниҳод карданд, ки ҳар се соҳиби маълумоти олӣ буданд.

— Номзаде, ки беш аз нисфи интихобкунандагон барои вай овоз додаанд, ба вазифаи раис (оқсақол)-и ҷамоати шаҳрвандон интихобшуда маҳсуб меёбад, — гуфт узви гурўҳи кории кумакрасон барои ташкил ва баргузории интихоботи раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Каттасойи ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Ҷаъфар Ғайбуллоев. – Дар интихоботе, ки дар маҳаллаи мо гузаронида шуд, вакилон аз се деҳа – Катта Эҷ, Сойихурд ва Симбулоқ овоз доданд. Рўзи интихобот аз 142 нафар намоянда 122 нафар иштирок карданд. Бино ба натиҷаҳои ниҳоӣ, номзад Ашраф Тилабов беш аз 50 дарсад, яъне 63 овози вакилонро ҷамъ карда, раиси маҳалла интихоб шуд.

— Боварии ҳамдеҳагон ба зиммаи ман масъулияти бештарро вомегузорад, — гуфт А.Тилабов. — Кори асосии мо кор бо мардуми маҳалла мебошад ва дар доираи имкон ҳаракат мекунам, то ба боварии мардум сазовор шавам, ба халқи деҳа кумак кунам ва аз имконияту шароитҳое, ки аз тарафи роҳбари давлатамон Шавкат Мирзиёев барои шаҳрвандон фароҳам гардидааст, истифода намуда, баҳри обод кардани қишлоқ, беҳтар намудани шароити зиндагонии мардум саҳм гузорам.

Ёдовар мешавем, ки Ашраф Тилабов хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буда, ихтисосаш иқтисодчӣ мебошад. Тўли солҳо дар шуъбаи Бонки халқии ноҳияи Нурато дар вазифаи назоратчӣ-кассир кор кардааст. Аз соли 2003 инҷониб дар мактаби таълими умумии рақами 43-юми деҳаи Катта Эҷ ба ҳайси ҷонишини директор оид ба корҳои хоҷагӣ меҳнат карда, барои обод гардидани боргоҳи таълимӣ саҳми шоиста гузоштааст.

**Фаридун ЮЛДОШЕВ.**
*Вилояти НАВОӢ.*

## ХАБАРҲО

### БАРОИ ХУРСАНДИИ БАЧАҲО

***Ба муносибати 1 июн – Рўзи байналхалқии бачаҳо дар ҷумҳурӣ чорабиниҳои идона баргузор мешаванд. Аз ҷумла, таҳти ташаббуси Хидмати амнияти роҳи назди ВКД ва дастгирии ҳизби СД "Адолат" дар мактаби ихтисосонидашудаи рақами 106-уми ноҳияи Олмазори пойтахт тадбир рўйи кор омад.***

Нозирони хидмати патрулии роҳ айни замон оиди қоидаҳои ҳаракат дар ҷодаҳо суҳбат ва намоишҳо доир карданд. Чорабинии идона дар маскани истироҳатии "Боғи се авлод" воқеъ дар ноҳияи Яшнобод идома намуд. Баъд иштирокдорон ҷониби Боғи истироҳатии "Анҳор" воқеъ дар ноҳияи Шайхонтаҳур роҳ пеш гирифтанд. Баробари ташкили бозӣ дар аттраксионҳо нозирони роҳ барои бачаҳо дасторхон оростанд, онҳоро бо яхмос меҳмон карданд. Баромадҳои консертӣ низ таассуротангез буданд.

Дар арафаи Рўзи байналхалқии бачаҳо тантананок сурат гирифтани маросими пўшиши ҷашнвораи "Операи Тошканд – 2022", ки 21 рўз давом намуд, барои хурдсолон, ки тамошобинҳои асосӣ буданд, айни замон фаромўшнопазир сурат гирифт.

### ЁДБУДИ ШОИРИ МАЪРУФ

***Бо иштироки шоиру нависандагон ва алоқамандони адабиёту фарҳанг, муаллимону хонандагони мактаби эҷодии ба номи Эркин Воҳидов ва ходимони ВАО дар пойтахт ёдбуди шоири мардумӣ, Қаҳрамони Ўзбекистон Эркин Воҳидов хотирмон ба вуқўъ пайваст.***

Иштирокдорони пресс-тур нахуст қабри шоири зиндаёдро дар оромгоҳи "Чиғатой" зиёрат намуданд. Баъд онҳо ба яке аз манзилҳо дар маҳаллаи Ҳувайдо омаданд, ки дар он шоир аз соли 1966 то соли 2016 истиқомат карда буд. Ёдбуд дар Донишгоҳи миллии Ўзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек давом намуд. Тамошои музейи шоир, аз ҷониби шахсиятҳои шинохта баён шудани хотираҳо дар бораи суханвари маъруф хусусан ба меҳмонони ҷавон аз вилояти Фарғона таассуроти хуб гузошт.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

### ТАШРИФИ РЎЗНОМАНИГОРОН

***Дар вилояти Ҷиззах медиа-тур бо номи «Ҷиззахи Нав дар нигоҳи журналистон» оғоз ёфт. Таҳти сарварии раиси Иттиҳоди эҷодии рўзноманигорони ҷумҳурӣ Олимҷон Ўсаров 15 нафар ходимони ВАО-и маҳаллӣ ва хориҷӣ ҷараёни сафарро мунтазам инъикос менамоянд.***

Рўзноманигорон дар ҳокимияти вилоят бо масъулин вохўрда, мубодилаи афкор намуданд. Сипас, меҳмонон дар хиёбони шоирон ба пояи ҳайкали Ҳамид Олимҷон ва Зулфия дастагулҳо гузоштанд. Аз бунёдкориҳои шаҳр, Донишгоҳи Sambhram-и Ўзбекистону Ҳиндустон, мавзеъҳои нави истиқоматӣ, хонаҳои навсохти шонздаҳошёна, Минтақаи озоди иқтисодӣ, заводи мошинсозӣ, IT Park, фабрикаи бофандагӣ ва ғайра дидан карданд.

Сафари журналистон идома дорад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ҒАМХОРӢ БА МАРКАЗҲОИ МИЛЛИВУ ФАРҲАНГӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ў таъкид кард, ки 28 январи соли 2022 Фармони Президент «Дар бораи Стратегияи тараққиёти Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 пешбинӣ шудааст» ба имзо расид.

Мавсуф доир ба Барномаи давлатии Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол таваққуф намуд. Банди 74-уми он бевосита ба масъалаҳои ҳамдилии байни миллатҳо ва кушодадилии динӣ, 82-ум бошад, механизми самарабахши мубориза алайҳи экстремизм ва терроризм иртибот дорад.

Ҳоло дар қаламрави вилоят ҳашт ибодатгоҳи ғайриисломӣ ва 171 масҷиди ҷомеи исломӣ фаъолият мебаранд, ки дар он намояндагони ин ё он дин бемамониат тоату ибодатро ба ҷо меоранд. Дар вилоят шаш маркази миллӣ-фарҳангӣ амал менамояд, ки барои онҳо дар хиёбони «Хотира»-и шаҳри Ҷиззах «Хонаи дўстӣ» ифтитоҳ ёфтааст. Барои беҳ гардондани шароити моддӣ-техникии ин марказҳо ҳокимияти вилоят пайваста чораҳо меандешад. Ба ҳисобсурати ин марказҳо маблағ ирсол менамояд ва барои хидмат як автомошини «Damas» ҷудо карда шудааст, – иброз дошт муовини ҳоким. – Ба ғайр аз ин барои идома додани анъана ва маросимҳои нодири миллатҳои гуногун бо ибтикори якчанд муассиса намоиши ҳунар, урфу одат, арзишҳои миллӣ, вохўрӣ бо шоиру нависандагон созмон дода мешавад. Аксари ин чорабиниву маҳфилҳои фарҳангӣ таҳти шиори «Мо халқи ягонаем, ки дар як кишвар ба сар мебарем!» баргузор мегарданд. Марказҳои миллӣ-фарҳангӣ баҳри ин ё он лоиҳаи худро ба амал татбиқ сохтан аз кумаки маблағи молиявии Фонди назди Олий Маҷлис истифода мебаранд.

Дар анҷоми конфронс саволу ҷавоби рўзноманигорон бо масъулон дар бораи ҳамкориҳои минбаъдаи судманд миёни вилояту дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ба амал омад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

***Сафир Зеавит бен ХИЛЕЛ:***

# ЛАВҲАИ ХОТИРАВИИ ТОШКАНД ИНЪИКОСКУНАНДАИ ҶАСОРАТ, КУШОДАДИЛӢ ВА НАМУНАИ БУЗУРГИ ИНСОНПАРВАРИИ ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН АСТ

***26 май дар «Боғи Ғалаба»-и пойтахт маросими кушодашавии муҷассамаи хотиравӣ, ки ифодагари миннатдорӣ ба халқи Ўзбекистон барои халос кардани яҳудиён дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон мебошад, баргузор шуд.***



Сафири Исроил Зеавит Бен Хилел дар баромади худ таъкид кард, ки лавҳаи ёдгорӣ таҷассумгари намунаи бузурги инсонпарварӣ, ҷасорат ва таҳаммулпазирии халқи Ўзбекистон аст. Тавре ки сарвари миссияи дипломатӣ тазаккур дод, «ғайр аз ин, муҷассама насли наврасро дар хотир доштани воқеаҳои таърихӣ, ҳифзи осудагӣ ва гиромидошти муносибатҳои дўстонаи ўзбеку яҳудӣ, ки дар давоми асрҳо такомул ёфтааст, даъват мекунад».

Дар маросим мушовири вазири мудофиа, роҳбари маҷмўи ёдгории «Боғи Ғалаба» Шўҳрат Юсупов, раиси ҷамъияти дўстии «Ўзбекистон – Исроил» Саидаҳрор Ғуломов, директори архиви давлатӣ Улуғбек Юсупов ва роҳбари Марказ оид ба омўхтани яҳудиёни Осиёи Марказии назди Донишгоҳи Байтулмуқаддас, профессор Зеев Левин баромад карданд.

Пас аз қисми расмӣ сафир бо муаллифи муҷассама, ходими илмии Академияи бадеии Ўзбекистон Марина Бородина лавҳаи хотиравиро кушод.

Дар пештоқи он дар чаҳор забон: ўзбекӣ, русӣ, англисӣ ва яҳудӣ матни зерин сабт шудааст: «Дар солҳои вазнини 1941-1942 Ҷанги дуюми ҷаҳон ба Ўзбекистон зиёда аз якуним миллион гуреза ва эвакуатсияшудагон оварда шудаанд. Дар байни онҳо садҳо ҳазор нафар яҳудиён низ буданд. Ба туфайли баҳам дидани нону намак ва меҳмоннавозии ин халқ гурезаҳо аз ин ҷо наҷот ва сарпаноҳ ёфтанд. Халқи яҳудӣ ва давлати Исроил инро бо некӣ ёд мекунад ва аз халқи ўзбек сипосгузор аст».

**АИ «Дунё».**

# МОҲИЯТИ ИСЛОҲОТИ ОЗОДГАРДОНИИ БОЗОРИ ҒАЛЛА

(Аввалаш дар саҳ.1).

Саволе ба миён меояд: чаро фермерҳо давоми ин солҳо ба замин инвеститсия дохил накардаанд, аз чӣ сабаб онҳо аз бонк ё давлат қарздор буданд, ба ҳосилнокии замин ё бартараф намудани шўрнокии он ҳаракат накардаанд? Сабаб якто – онҳо манфиати моддӣ надоштанд.

– Соли ҷорӣ мо бозори ғалларо озод гардондем. Ин барои фермерон дарҳои нави имкониятҳоро мекушояд. Фермер бой бошад, халқ бой мешавад, – илова намуд Ш.Мирзоев. – Агар ба инобат гирем, баробари зиёд шудани манфиатҳои моддии фермерони хоҷагиҳо ба манфиати моддии аҳолии дар ин самт фаъолият баранда низ таъсири мусбат мерасонад.

Озодгардонии нархи ғалла ба дараҷаи нархи бозори дохилӣ чӣ гуна таъсир мерасонад?

Барои таҳлили масъалаи мазкур ба маълумоти одии статистикӣ муроҷиат мекунем. Дар Ўзбекистон талаб ба маҳсулоти дон соле ба ҳисоби миёна 3 млн. тоннаро ташкил медиҳад, аз он ҷумла ба эҳтиёҷи аҳолӣ тахминан 2,4 млн. тонна сарф мегардад. Соли 2021 дар ҷумҳурӣ 3,5 млн. тонна маҳсулоти дон истеҳсол гардидааст. Ин маънии истеҳсоли дон барои эҳтиёҷи ҷумҳурӣ аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ таъмин карданро дорад.

Таъсири озодкунии бозори ғалла ба нархи орд то чӣ андоза аст?

Озодгардонии нархи ғалла боиси баланд шудани нархи орд намегардад. Зеро дар бозор ва дуконҳо орд ва маҳсулоти он бо нархи бозор ба фурўш мераванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баланд шудани нархи орд миқёси ҷаҳонӣ касб карда, дар тамоми дунё ба мушоҳида мерасад.

Моҳи май боло рафтани динамикаи нархи ғалла дар биржаҳои дунё нисбати соли гузашта 47-58 фоизро ташкил дод. Қимат шудани нархи орд дар мамлакати мо аз ҳисоби омилҳои дохилӣ набуда, фақат дар асоси дигаргуниҳои бозори беруна содир мегардад.

Дар шароити озодгардонии бозори ғалла қишри ба ҳимояи иҷтимоӣ мўҳтоҷи аҳолӣ чӣ тарз дастгирӣ карда мешавад? Ба ин савол иҷрокунандаи вазифаи директори Фонди нафақаи ғайрибуҷавии назди Вазорати молия А.Ҳайдаров чунин иброз дошт:

– Модели рушди иқтисодии мо ба модели ҳимояи иҷтимоӣ нигаронида шудааст ва дар ҷараёни мазкур барои ҳимояи аҳолии камтаъмин роҳ ва механизмҳои аниқ кор карда шудаанд.

Мувофиқи қарори Президент аз 25 майи соли 2022 ба нафақахўрони синнусолӣ, ногироҳо, ногироҳои аз хурдсолӣ ба нафақа таъиншуда, нафақагирони саробони худро гумкарда, ба парвариши дигарон мўҳтоҷ ва нафақаи барои парвариши бачаҳо то синни 18 дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо 300 ҳазорӣ, дар шаҳри Тошканд 400 ҳазорӣ, оилаҳои камтаъмине, ки оиди самти ахбори «Реестри ягонаи ҳимояи иҷтимоӣ» ёрии моддӣ мегиранд ва ба сифати оилаи камтаъмин нафақаи бачагонаро мегиранд, ба ҳар як фарзанди то синни 18 – 200 ҳазор сўмӣ кумаки якдафъаина дода мешавад.

Руйхати оилаҳои эҳтиёҷманди ба «Дафтари оҳанин» номнависшуда ва ёрии моддии якмаротибаро нагирифта тартиб дода, ба ҳар як аъзои ин оилаҳо 20 килоӣ орд бепул дода мешавад. Инчунин, ба оилаҳои дорои аҳволи вазнини иҷтимоидошта аз ҳисоби Бунёди «Саховат ва кумак» ва манбаъҳои дигар ройгон орд ё ки дар шакли пули накд ёрии моддӣ расонда мешавад.

Давоми соли 2022 раисони маҳаллаҳо бо ёрдамчиёни ҳоким дар ҷамъомадҳои маҳаллаҳо аҳволи оилаҳои эҳтиёҷманди маҳаллаpо мунтазам меомўзанд. Ба саволи болоравии нарх то кай давом медиҳад, муовини вазири Вазорати молия Ҷамшед Абруев чунин ҷавоб дод:

– Дар шароити имрўза ҷавоби аниқ гуфтан муҳол аст. Мардуми мо метавонанд хотирҷамъ бошанд, зеро барои таъмини барқарории нархи орд ва нон дар кишварамон чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Дар бозори дохилӣ танқисии орд ва нон ба вуҷуд намеоянд.

Соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ истеҳсоли зиёда аз 7,5 млн. тонна ғалла дар назар дошта шудааст. Ин нишондод нисбати соли гузашта 1,5 млн. тонна зиёд аст. Умуман талаби ғаллаи ҷумҳурӣ соле 8,5 млн. тоннаро ташкил дода, 80-85 фоизи ин эҳтиёҷро аз ҳисоби захираҳои дохилӣ пўшондан мумкин. Аз ин рў, мардуми мо бояд хотирҷамъ бошанд. Захираҳои орд ва ғалла ба андозае ташаккул дода шудаанд, ки дар ҳолати зарурӣ он ба бозори дохилӣ баровaрда мешавад. Алҳол органҳои ҳукумат ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ дар бозорҳои дохилӣ, хусусан дар дўконҳои ҳар як шаҳру ноҳияҳо оиди таъмин ва мавҷудияти доимии маҳсулоти орд ва нон мониторинг мебаранд.

**Г. КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

**Маркази омўзиши фикри ҷамоатчигии ҷумҳуриявии «Ижтимоий фикр» таҳти мавзўи «Ўзбекистониён дар бораи маҳалла: тасаввурот ва умедҳо» пурсиши телефонӣ гузаронд, дар он оиди фаъолияти мақомоти худидораи шаҳрвандӣ фикри респондентҳо омўхта шуд, ақидаи аҳолӣ оиди самаранокии ҳалли масъалаҳои долузарби рушди маҷмўии иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар тасарруфи мақомоти худидора аниқ гардид.**

# МАҲАЛЛА – ИНСТИТУТИ НОЁБИ ҶАМЪИЯТИ ШАҲРВАНДӢ

Дар тадқиқот намояндагони аҳолии ҳамаи минтақаҳои мамлакат, мардон ва занон, шаҳрвандони миёнсол ва калонсол, вакилони миллат ва қишрҳои иҷтимоии гуногун иштирок намуданд. Натиҷаҳои дар давоми тадқиқот бардоштаншуда тасдиқ намуд, ки институти маҳалла зинаи муҳими муттаҳидгардонии давлат ва ҷамъият, айни замон шаҳрвандон мебошад. Ўзбекистониён бар онанд, ки маҳалла ба сифати мақомоти худидора дар таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ҳисса мегузорад. Айни замон, он дар ҳалли масъалаҳои долузарби аҳолӣ, ба амал баровардани ҳуқуқҳои муайяни меъёрию ҳуқуқӣ ё амал кардан ба қоидаҳо байни шаҳрвандон ва вакилони сохторҳои давлатӣ вазифаи ба худ хоси «кўпрук»-ро адо менамояд.

Маҳалла дар Ўзбекистон ҷиҳати таъмини шуғли аҳолӣ, мустаҳкамсозӣ ва барқарории пойдевори оила дар ҷамъият ҷойи муҳим ишғол менамояд, дар ҳудуди дахлдор ба шаҳрвандон ҷиҳати ба роҳ гузоштани фаъолияти соҳибкорӣ кумак мекунад, оиди ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон корҳои ҷамоатиро ташкил менамояд, шаҳрвандони ниёзманд ва оилаҳои камтаъминро дастгирӣ мекунад, вобаста ба ид ва санаҳои муҳим чорабиниҳои оммавӣ ташкил месозад.

Дар давоми тадқиқот оиди чӣ тавр шудани маҳаллаи замонавӣ, дар Ўзбекистони Нав, чӣ гуна вазифаҳоро ба иҷро расондани он фикри шаҳрвандон аниқ карда шуд. Назар ба маълумоти дастрасшуда, дар тасаввури 45,2 фоизи шаҳрвандон маҳалла – ин неъматест, ки бояд ба авлод расонда шавад, маҳаллаи замонавӣ бояд оилаҳо, бонувон, ҷавонон, солхўрдагонро пуштбонӣ кунад, ба аҳолӣ, хусусан ба камтаъминҳо, қишрҳои заифи иҷтимоӣ мадади моддӣ расонад.

Назар ба фикри 32 фоиз иштирокдорони пурсиш, маҳаллаи замонавӣ самаранoктарин мақомоти худидораи ҳамкории байни халқ ва давлатро баамалбароранда мебошад. Ба фикри респондентҳо, маҳалла бояд ба майдончаи мушкилоти долузарби аҳолӣ ва роҳи ҳалли онҳоро ҷустуҷўкунанда табдил ёбад, дар ҷалби шаҳрвандон ба идоракунии давлатӣ кумак расонад, дараҷаи иштироки онҳоро дар қабул кардани қарорҳо баланд бардорад, ҳамчунин мулоқоти пурраро байни ҳукумат ва ҷамъият таъмин намояд.

Дар давоми пурсиши телефонӣ 37,4 фоизи шаҳрвандон гуфтанд маҳаллаи замонавӣ – ин иттиҳодияи деҳа, шаҳрак, авул, микроноҳия, аҳолии ҳудуди муайяни канораи шаҳр буда, функсияи асосии он бояд дар ҳалли долузарбтарин мушкилот, аз ҷумла, таъмини тартиби ҷамъиятӣ ва ободонии ҳудуд, ҳалли масъалаҳои объектҳои иҷтимоӣ, хусусан, майдончаҳои бачаҳо, барпои истироҳатгоҳҳо барои ҷавонон ва вакилони авлоди калонсол, кумак расондан ба шаҳрвандон муайян гардад. Аз иштирокдорон пурсида шуд, ки: «Ба фикри шумо, маҳалла ба ҷамъият суд меорад ё не, дар ҳалли мушкилот ба шаҳрвандон кумак мерасонад ё не?» 80,9 фоиз, яъне аксарияти респондентҳо чунин мешуморанд, ки «Маҳалла ба шаҳрвандон кумак мерасонад, аз манфиатҳои аҳолӣ, анъанаҳои таърихию маҳаллии он баромада омада, ба ҷамъият ва давлат фоидаи калон мерасонад», ҷиҳати офаридани шароит барои ҳаёти хуб ба роҳ мондани аҳолӣ дар ҳудуд, ҳалли мушкилоти аҳолӣ кумак мекунад.

Натиҷаҳои гирифташуда имрўзҳо ба қисми ҷудонопазири ҳаёти одамон табдил ёфтани маҳалла, аз ҷониби мақомоти худидораи шаҳрвандон, дар мамлакатамон фаъолият мебаранд, оиди рушди иҷтимоии иқтисодии ҳудуд, ҳифзи иҷтимоии мансабони аҳолӣ ба ҳалли бисёр масъалаҳо боис шуданашон зиёд тасдиқ менамоянд: 38,3 фоизи респондентҳо ба дараҷа ба самаранокии мақомоти худидора дар ҳалли мушкилоти аҳолӣ баҳои мусбат медиҳанд, 36,3 фоизи пурсидашудагон доир чӣ тавр баҳо гузоштан ба фаъолияти маҳаллаҳо «меҳоҳам баҳои мусбат диҳам», гуён ҷавоб доданд.

Дар фикри ҷамоатчигӣ баҳои мусбии ба фаъолияти мақомоти худидора додашуда устувор касб менамояд, айни замон дар давоми пурсиши телефонӣ ба фаъолияти маҳалла баҳои манфӣ додани респондентҳо аниқ гашт, 9,6 фоиз пурсидашудагон «баҳои манфӣ додан мехостам», гуён ҷавоб доданд.

Солҳои охир миқдори ташаббусҳои шаҳрвандонро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ҷалбкунанда зиёд мешавад, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва қабул кардани қарорҳо барои қишрҳои васеи аҳолӣ шарт ва шароити зарурӣ офарида мешавад.

Аз нисф бештари иштирокдорони тадқиқот дар вақти ҳозира дар фаъолияти маҳаллаи худ шахсан иштирок карданашонро изҳор карданд.

Пурсиши телефонӣ нишон дод, ки «хоҳиши ба одамҳо, ба ҷамъият ёрӣ додан, дастгирӣ сохтан, дар ҳалли мушкилу масъалаҳои онҳо кумаки самимӣ ва беғараз расондан» дар намоён сохтани фаъолнокии шаҳрвандии аҳолӣ ва иштирок дар ҳаёти маҳалла сабаби асосӣ мегардад. 60,4 фоизи респондентҳо ҳамин тавр ҳисоб мекунанд. Ҳамчунин, шаҳрвандон дар ҷавобҳои худ қайд карданд, ки яке аз сабабҳои дар кору ҳаёти маҳалла иштирок карданашон – ин, умуман, хоҳиши ба ҷамъият, ба инсонҳои муайяне, ки ба кумак муҳтоҷанд, фоида расондан мебошад.

Пурсиши телефонӣ ҳаминро нишон дод, ки дар нисф бештари (54,4 фоиз) шаҳрвандоне, ки дар мақомоти худидораи маҳаллӣ ва ҳаёти маҳалла фаъолона иштирок намекунанд, хоҳиши иштирок мавҷуд, онҳо омодаанд дар ҳалли масъалаҳои долузарби худидораи маҳаллӣ ширкат ҷўянд, ба корҳои кумитаи маҳалла кумак расонанд, ба мақомоти худидораи маҳаллӣ бо таклифу шикоятҳо муроҷиат намоянд, дар ҷамъомадҳо иштирок кунанд, дар ободонии ҳудудҳо, пурмазмун гузарондани вақти холии аҳолӣ ва ташкили навъҳои дигари фаъолияти он ҳисса гузоранд.

Назар ба натиҷаҳои пурсуҷўйи телефонӣ, дар фикри ҷамоат қиёфаи мусбати ходимони мақомоти худидора, оқсақолон ва фаъолони маҳалла ташаккул ёфтааст: назар ба фикри 60,9 фоиз респондентҳо, онҳо одамҳоеанд аз кумак расондан ба одамҳо манфиатдор, шахсонеанд самимӣ, беғараз, боинсоф, ки ба манфиати ҷамъият ва давлат кор мекунанд.

Соли 2022 дар Ўзбекистон «Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол» эълон шудааст. Дар фикри ҷамоат бинобар боз ҳам ривоҷ додани ҷамъияти шаҳрвандӣ, амалӣ сохтани сиёсати иҷтимоии адолатнок, кумаки иҷтимоӣ ба оилаҳои камтаъмин, ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ тавассути васеъ сохтани имконият ва ваколатҳои маҳалла доираи баланди дастгирисозӣ ва маъқулшумории чораҳое, ки дар доираи иҷрои Барномаи давлатӣ барои соли 2022-юм ба амал бароварда мешаванд, устуворӣ касб менамояд.

40,8 фоизи иштирокдорони пурсиш ба саволи «Шумо дар фаъолияти маҳаллаи худ чӣ хел дигаргуниҳо мехостед?» ҷавоб доданд, ки дар навбати аввал модернизатсияи инфрасохтори маҳалла, такмили нақшаҳои меъмории маҳаллаҳо ва беҳсозии қиёфаи онҳо, барпои хонаву ҷойи арзон ва иншооти соҳаи иҷтимоӣ, офаридани муҳити қулай ва бехавф барои тамоми аҳолӣ хеле зарур.

Ба фикри шаҳрвандон, тавассути таъин баланд бардоштани дараҷаи даромад ва шуғли аҳолӣ, фаъолнокгардонии ҳаракатҳо оиди таъмини аҳолӣ, хусусан, ҷавонону бонувон бо шуғл, ба кор андохтани корхонаҳои нав, объектҳои хизматрасонию савдо, ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ хеле муҳим мебошад.

Такмил додани сифати хизматрасонии коммуналии хонаву ҷой барои иштирокдорони пурсиш долузарб ҳисоб меёбад. Ба фикри онҳо, аҳолии ҳар як маҳалла бояд аз имконияти истифода аз энергияи барқ, оби нўшокӣ, сохтори гармӣ мутасил бахра бурда тавонад.

Дар доираи пурсиш масъалаи огоҳии шаҳрвандон аз интихоботи ҷамоаи шаҳрвандон гузошта шуд. Аксарияти респондентҳо пурсиш (63,5 фоиз) оиди интихоботи раиси (оқсақол) ҷамоати шаҳрвандон дар соли 2022 хабардор будани худро баён карданд.

Пурсиши телефонӣ имкон дод хоҳиши шахсан иштирок кардани шаҳрвандон дар интихоботи раиси (оқсақол) ҷамоати шаҳрвандон аниқ карда шавад. Ба респондентҳо савол дода шуд: «Шумо иштирок ба интихоботи раиси (оқсақол) ҷамоати шаҳрвандонро ба нақша гирифтаед?» Ба ин пурсиш 87,8 фоизи шаҳрвандон ҷавоби мусбӣ доданд.

Умуман гирем, тавре натиҷаҳои тадқиқот тасдиқ менамояд, фикри асосии ҷамоат дар он аст «маҳалла институти ноёби ҷамъияти шаҳрвандӣ ҳисоб меёбад, он дар масъалаҳои таъмини асосҳои ҳаёт дар манзилҳои зисти шаҳрвандон, дастгирии манзилноки иҷтимоии аҳолӣ, рушди соҳибкорӣ ва тиҷорати оилавӣ, ба вуҷуд овардани муҳити эҳтироми байниякдигарӣ, дўстиву ҳамҷиҳатӣ қарорҳои дахлдор қабул менамояд, айни замон вазифаҳои худро бобати тарбияи авлоди ҷавон, мустаҳкамсозии оила, баланд бардоштани нақши бонувон дар ҷамъият, ба амал баровардани назорат аз болои фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунӣ самаранок ба иҷро мерасонад».

Пурсиши телефонӣ нишон дод, ки вазифаҳои дар Барномаи давлатии «Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол» муайяншуда ба сифати механизми самараноки рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ ба боз ҳам такмил ёфтани фаъолияти маҳаллаҳо кумак мерасонад. Васеъсозии вазифаҳои маҳаллаҳо, таъмини ҳамкории наздики он бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби аҳолии мамлакат дастгирӣ меёбад, ҳамчунин баҳри баланд бардоштани тафаккури шаҳрвандии аҳолӣ, дар интихоботи мақомоти худидораи шаҳрвандон, ки моҳи майи соли 2022 баргузор шуда истодааст, ба вусъати фаъолнокии электоралии аҳолӣ ва рушди ташаббускории он кумак мерасонад.

**Маркази омўзиши фикри ҷамоатии ҷумҳуриявии «Ижтимоий фикр». (ЎзА).**

*Нахустнамоиш*

# БОЗ ЯК ФИЛМ БАРОИ ТАМОШОБИН ПЕШКАШ ГАРДИД

***Дар Хонаи синамои ба номи Навоии Тошканд намоиши пўшидаи филми ҳунарии коргардон Ёлқин Тўйчиев – “Эволютсия” баргузор шуд. Ин филм дар студияи “Play This” бо фармоиши Агентии кинематографияи Ўзбекистон ба навор бардошта шудааст.***

Ёдовар мешавем, ки Ёлқин Тўйчиев қаблан бо филми “Ду ҳазор суруди Фарида” низ барои тамошобинони зиёд муаррифӣ шудааст. Кумитаи Оскари Ўзбекистон дар як ҷаласаи худ ин филмро барои пешниҳод ба мукофоти Оскар интихоб кардааст, то ки он барои номинатсияи “Филми беҳтарини ҳунарии байналмилалӣ” дар озмуни бонуфуз ширкат намояд.

Аз тамошои филми ҳунарии “Эволютсия” бармеояд, ки мундариҷаи он ба сарнавишти як ҷавон бахшида шудааст ва ў дар чорроҳаи қисмат ҳодисаву воқеа ва лаҳзаҳои сахти ҳаётро паси сар мекунад. Ин ҷавон мисли ҳазорҳо нафар ҷавонони ҳамон давра ба ҷанги Афғонистон сафарбар шудааст. Ин ҷангест, ки дар рўҳияи ҷавонони даврони гузаштаи наздик таъсири амиқи худро ба бор овардааст. Онҳо донисташу надониста барои мардум ва кишвари дигар рафтаанду ҷангидаанд.

Ногуфта намонад, ки мувофиқи омори ғайрирасмӣ дар ин ҷанг ҳудуди 17 ҳазор ҷавонони ҷумҳуриҳои шўравӣ ҳалок гаштаанд, ҳазорҳо нафар маъюб шуда баргаштаанд, ҳазорҳо нафар баъди баргашт ба ватан ба бемориҳои равонӣ дучор гардидаву фавтидаанд.

Дар ин филм он ҳаёти як нафар ҷавон ба риштаи тасвир кашида шудааст, ки баъди ширкат дар ҷанги Афғонистон ў аз ҳар нигоҳ куллан тағйир меёбад. Дар филм иштироки вай дар ҳарбу зарби сахт инъикос наёфтааст. Вай баъзан ба сифати тарҷумон пайдо мешавад ва баъзан дар як мошини УАЗ-и кўҳна бо чанд нафар аз ҷойе ба ҷойе мунтақил меёбад.

Дар яке аз муқовиматҳои ногаҳонӣ бо муҷоҳидон ба дасти онҳо асир меафтад.

Баъд нафаре аз мардуми маҳаллӣ пайдо мешавад, ки бо кумаки ў ва амри тақдир ба яке аз мамлакатҳо интиқол меёбад. Ҳатто ба духтари ҳамон сарватманди афғонистонӣ, ки ҳамеша ба таври ногаҳонӣ пайдо мешавад, издивоҷ мекунад. Рўзи тўйи наварўсонро ин сарватманд худаш муқаррар менамояд ва ҷавонписарро маҷбуран бо духтараш издивоҷ мекунонад.

Вақте ки дар рўзи тўй ҳама шодиву хурсандӣ мекунанд, нафаре мехоҳад ин домоди ҷавону барои онҳо бегонаро ба ҳалокат расонад ва ба дасташ соғари май дароз мекунад, ки заҳр омехта шудааст. Аммо маълум нест, ки ин қасоскор кӣ ҳаст. Ин лаҳза арўс дар назди домод пайдо мешавад ва соғари дасти вайро ҳадаҳа кашида мегирад ва менўшад. Баъди лаҳзае аз таъсири заҳр кафки даҳони арўс ба чаҳор тараф пош мехўрад ва ў ҷон месупорад. Аммо домод бо амри тасодуф зинда мемонад.

Вай дарк мекунад, ки ҳар куҷо ҳозир аст, он ҷо ҳалокате ба вуқўъ хоҳад пайваст. Барои ҳамин мехоҳад аз назди он тўдаи одамони барояш бегона ба ҷойе равад у паноҳ ёбад.

Баъд ўро дар Лондон мебинем...

— Ин фильм боз як комёбии эҷодии коргардон Ёлқин Тўйчиев аст. Мо ҳама фарзандони як сарзаминем ва суроғаи мо низ якест, аммо одамони ҳар минтақа гуногунанд. Ин баёнгари тамоми нуқоти филми “Эволютсия” аст, – гуфт номзади илмҳои санъатшиносӣ Сабоҳат Ҳайитматова.

Аммо ба гуфтаи рўзноманигор Гулчеҳра Умарова “ба як нигоҳ ба ин филм баҳо додан хеле мушкил аст, бояд дубора онро тамошо кард”.

**Мирасрор АҲРОРОВ, хабарнигори “Овози тоҷик”.**

*Фестивали гул давом дорад*




# НАМАНГОН МЕҲМОНОНРО БА ОҒЎШ МЕГИРАД

***Шасту як сол аст, ки дар шаҳри Намангон фестивали анъанавии гул баргузор мегардад. Ин анъана сол то сол равнақ ёфта, баробари шумораи иштирокчиён, навъҳои гул низ зиёд мешавад. Иштирокчиёни фестивал нафақат бо гулҳои маҳаллӣ, ҳатто бо гулҳои хориҷии дар оилаашон парваришёфта низ иштирок менамоянд.***

Бо ташаббуси сарвари давлатамон дар шаҳри Намангон Маркази гул ба фаъолият шурўъ карда, дар ин ҷо парвариши навъҳои гуногун ба роҳ монда мешавад.

Соли ҷорӣ ба фестивали гул, ки ба мақоми фестивали байналхалқӣ ноил гардидааст, зиёда 200 корхона ва муассиса, 300 нафар гулпарварон бо 150 навъ, зиёда аз 20 миллион гул иштирок доранд.

Ба фестивал нафақат аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Намангон ва аз шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ, аз Тоҷикистон, Русия, ИМА, Эрон, Покистон, Озарбайҷон, Чин, Куриёи Ҷанубӣ, Ҳиндустон, Туркия, Қирғизистон барин 20 мамлакати хориҷӣ низ меҳмонон ташриф оварданд. Барои онҳо аз тарафи ҳокимияти вилоят ва маъмурияти Боғи ба номи Заҳириддин Муҳаммад Бобур ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст.

Меҳмононе, ки ба фестивал меоянд, ғайр аз рангорангии гулҳоро дидан, аз баромадҳои устодони санъати пойтахт ва маҳаллӣ, намойиши либосҳои миллӣ, тамошои дорбозон, мусобиқаи варзишгарон баҳра бардошта, ғизои маънавӣ мегиранд.

– Камина 25 сол аст, ки дар фестивали гул иштирок менамоям. Ба фестивал даводми сол бо аъзои оилаамон ҳамаҷониба омодагӣ мебинем, то ки гулҳои ба фестивал пешниҳодкардаамон ба меҳмонон писанд ояд, – гуфт гулпарвари соҳибтаҷриба аз шаҳри Намангон Садриддин Қодиров.

– Самарқанди бостониамон аз зумраи минтақае аст, ки дар саросари кишварамон аз ҳама зиёд сайёҳонро ба оғўш мегирад. Онҳо баробари зиёрати обидаҳои таърихӣ, ҷойҳои ҷолиби диққати шаҳрамонро зиёрат мекунанд. Мо кўшиш менамоем барои сайёҳон дар гирду атрофи шаҳрамон гулзорҳо барпо кунем. Дар ин ҷода бо садорати ободонии вилояти Намангон ҳамкории доимиро ба роҳ мемонем, – гуфт сардори Садорати ободонии шаҳри Самарқанд Юнусҷон Бобоназаров.

– Дер боз дар фестивал иштирок карданро орзу мекардем. Инак, орзуямон ҷомаи амал пўшида бо дугонаам дар фестивал иштирок карда, экспозитсияҳои гуногуни бо гулҳо ороишдодашударо дида дар ҳайрат мондем, – гуфт Сабоҳат Раҳимқулова аз ноҳияи Ашти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар чаҳорчўбаи фестивали байналхалқии гул, ки дар шаҳри Намангон баргузор мегардад, чунин фестивали гулҳо бори аввал дар ноҳияи Учқўрғони вилоят оғоз ёфт. Аз кўпруки дарёи Норин 20 мошини бо гулҳои рангоранг ҷиҳозонидашуда ба сўйи боғи маданият ва истироҳати ноҳия равон шуд. Дар ҳудуди боғ бо иштироки корхона ва муассисаҳои ноҳия гулзорҳо барпо гардид.

Минбаъд ҳар сол чунин фестивал нафақат дар Боғи маданият ва истироҳати ба номи Бобур, балки дар боғҳои маданият ва истироҳати дигар ноҳияҳои вилоят низ баргузор мегарданд.

Фестивали ҷорӣ то охири ҳафта давом хоҳад кард.

**А. МУРОДОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**
Вилояти *НАМАНГОН*.

**Хабарҳо аз Фарғона**

## Риштон – мизбони Форуми байналмилалии кулолгарӣ

***Моҳи сентябри соли ҷорӣ дар Риштон Анҷумани байналмилалии кулолон ва намоишу фурўши маҳсулоти кулолгарӣ баргузор хоҳад шуд.***



Ҳадаф аз баргузории ин ҳамоиш тарғиби ҳунарҳои мардумӣ ба ҳайси як бахши муҳими иқтисоди ҷаҳонӣ, ҳамзамон ҳифзи анъана ва мактабҳои кулолгарӣ, густариши пажўҳишҳо дар ин соҳа, табодули таҷриба, таъсиси ҷойҳои нави кор ва ҳавасманд намудани ҷавонон нисбат ба ин ҳунар мебошад.

Интизор меравад, ки дар заминаи ин фестивал конфронси илмӣ-амалии «Ҳифз ва рушди ҳунари кулолгарии суннатӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» баргузор мегардад. Инчунин, роҳандозии озмуни ҳунарҳои кулолгарӣ, ба роҳ мондани дарсҳои маҳорати устодони хориҷӣ ва маҳаллӣ, тамошои барномаҳои консертӣ, ташкили намоишгоҳҳо, намоиши филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ, ки ба ҳунари кулолгарӣ бахшида шудаанд ва баргузории чорабиниҳои дигар мадди назар мебошад.

## Содироти тамашки Водил меафзояд

***Дар Водили ноҳияи Фарғона зиёда аз 500 гектар майдон барои парвариши тамашк ё малинаи навъҳои маҳаллӣ ҷудо карда шудааст. Солона миқдори умумии ҳосили он ҳудуди 4 ҳазору 400 тоннаро ташкил медиҳад. Барои боз хам тараққӣ додани он ва зиёд кардани даромади аҳолӣ, кам кардани сафи бекорон шинондани ниҳолҳои ин намуди растании буттамева барномарезӣ шудааст.***



Яке аз роҳҳои зиёд кардани ҳосили растании буттамеваи тамашк истифодаи майдонҳои байни қатори 350 гектар боғ мебошад. То ин замон аллакай дар байни қатори ниҳолҳои 222 гектар боғ растании тамашкро шинонидаанд.

Барои ба манбаи даромади ҳақиқӣ табдил додани ин соҳаи кишоварзӣ бонкҳои тиҷоратӣ ба 94 нафар бошандагони ин минтақаи вилоят 2,6 миллиард сўм қарзҳои имтиёзнок ихтисос додаанд. Онҳо аз шумори оилаҳое мебошанд, ки дар «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» дохил карда шудаанд ва ба ҳар кадоми онҳо 10-15 сотиҳӣ замин ҷудо карда шудааст.

Барои он ки ҳосили ҷамъоваришуда нобуд нашавад, дар корхонаи оилавии “Файзи Далахон Мурод” як анбор бо яхдони замонавӣ, ки зарфияти он 300 тоннаро гунҷоиш медиҳад, ташкил карда шудааст. Инчунин, корхонаи хусусии “Little Bakery house” анбор бо яхдони замонавии гунҷоишаш 350 тоннаро мавриди баҳрабардорӣ қарор додааст.

Соли гузашта вилояти Фарғона ба Полша, Русия ва мамолики дигари дуру наздик тамашк содир намудааст, ки даромади умумии он баробари 1 миллион доллари ИМА-ро ташкил мекунад. Дарояндаи наздик миқдори содирот то ба 3-4 миллион доллар боло бурда хоҳад шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ҲАНЎЗ ДАР САФ

***Муҳаммадолим Ҳайдаров инсони меҳнатдўсту хоксор, ба фарзандон падари сахтгир, ба набераҳо бобои меҳрубон, ба ҳаққу ҳамсояҳо дўсти ғамхор аст. Ў бо ҳамсараш холаи Мавҷуда дар ноҳияи Бектемири шаҳри Тошканд умр ба сар мебарад.***

Акои Муҳаммадолим соли 1954 дар вилояти Тошканд ба дунё омад. Дар мактаби рақами 52-юми ноҳияи Ўртачирчиқ таҳсил намуда, онро бо медали тилло хатм намуд. Баъди хатми Донишкадаи давлатии политехникии шаҳри Тошканд ба хидмати ҳарбӣ рафт. Падараш амаки Ғаниҷон аз аввалин раисони колхози хоҷагии ҷамоавӣ буд.

Вай фаъолияти худро дар сохтмон ба сифати инженер сар карда, баъд дар КМС-и 21 ҳамчун сардори участка давом дод. Вақте солаш ба ҷойе рафт, ба нафақа баромад. Инсони соҳибтаҷриба ва чашмикордон, ки буд, аҳли маҳалла соли 2014 ўро ба вазифаи мушовири раиси ҷамъияти шаҳрвандони маҳаллаи «Бектемир» пешниҳод намуданд. Дар ин вазифа хуб кор кард. Дертар раиси шўрои ҷамъияти «Нуронӣ»-и маҳаллаи Бектемири Нав интихоб шуд.

– Ба ҷавонон таълиму тарбияи хуб додан, онҳоро дастгирӣ намудан лозим. Ҳоло аз аксари онҳо хурсандем, ки хуб мехонанд дар олимпиадаҳои фаннӣ ва спортии сатҳи ҷаҳонӣ иштирок намуда, ғолиб шуда истодаанд.

Дар мамлакатамон барои ҳар як шаҳрванд шароити мусоид фароҳам оварда шудааст, касе хоҳиши хондан, ҳунар омўхтан, соҳибкорӣ карданро дошта бошад, фақат аз вай ҳаракат ва шуҷоат талаб карда мешавад. Тибқи қарори сарвари давлатамон дар бораи чораҳои ба куллӣ беҳтар намудани низоми кор бо ҷавонон дар маҳаллаҳо лоиҳаи «Ба ҳар як собиқадор даҳ нафар ҷавон» роҳандозӣ гардидааст. Ман низ даҳ нафар ҷавони маҳалларо, ки таҳти назоратанду ба кумаки моддию маънавӣ ниёз доранд, ба ўҳда гирифта, 8 нафари онҳоро бо кор таъмин намудам, 2 нафарашон дар арафаи бо кор таъмин шудан ҳастанд. Бо ҳар кадоми онҳо мунтазам вомехўрам, аз рафти кору фаъолияташон огоҳам.

Ҳар моҳ дар мактаби таҳсилоти миёнаи ҳамагони рақами 348-уми ноҳия вохўрӣ ва сўҳбатҳо мегузаронам.

Дар равандиислоҳоти ҷорӣ, дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳар як шахс нақши худро дорад. Мо собиқадорони маҳалла ба ҷавонон беэътибор нестем, барои беҳтар гардонидани зиндагии онҳо саъю кўшиш ба харҷ медиҳем, – мегўяд М.Ҳайдаров.

**Навбаҳор ҲАМРОҚУЛОВА.**

ИНСОН ВА ТАБИАТ

# ДУ КАБӮТАР

**(Андешаҳои экологӣ)**



Дар айвони хонаи мо, ё аз бемасъулиятӣ ё аз бесалоҳиятии сохтмончиён бошад, дар девор сурохии калоне бетаъмир мондааст. Мехостам ин сурохиро худам бо хишт пур карда, аз нав таъмир кунам. Имрӯзу фардо гуфта кашолакорӣ кардам.

Дар яке аз рӯзҳои фасли баҳор, кабӯтарон аз кашолакории ман «истифода» карда, дар ин сурохӣ лона сохтанд. Дар тӯли як ҳафта кабӯтарон лонаи худро тамом карда, барои зиндагии муқим ба он кӯч бастанд.

Аз он рӯз сар карда, мо кабӯтаронро чун ҳадяи Парвардигор дониста, як узви оилаи худ қабул кардем. Ба назар чунин мерасид, ки кабӯтарон зиндагии моро пурра ва хушбахт гардониданд.

Албатта, барои мо, насли одамӣ, ба олами кабӯтарон ворид шудан ва онро ба пуррагӣ дарк карданро Парвардигор раво надидааст. Одам танҳо хулқу атвори кабӯтаронро дарк мекунаду халос. Аммо фаҳмидани сиришт ва мояи аслии он барои мо асрор аст.

Ба назарам Парвардигор дар сиришти кабӯтарон тухми хору ғам накоридааст ва барои онҳо ҳамагӣ шаш соли умр ато кардааст. Онҳо дар ин умри кӯтоҳи худ, зиндагиро бо меҳру муҳаббат ва дӯстию рафоқат ба сар мебаранд. Бесабаб нест, ки дар фарҳанги тамоми мардуми олам кабӯтар чун рамзи дӯстию осоиштагӣ, сулҳу амонӣ, ҳамзистию якдигарпазирӣ дониста мешавад.

Кабӯтарон аз душманони ашаддитарини худ, чунончи, гурба дар замин хеле ҳам эҳтиёткорона худро ҳифз менамоянд.

Ҳамон меҳру вафодорӣ, ҷонфидоӣ, ҳамбастагии дилҳо, шафқату рафоқате, ки кабӯтарон ба якдигар ифода мекунанд, бо сухан ифода кардан аз имкон берун аст. Дуруст аст, ки онҳо гап задан ба мисли одамон наметавонанд, аммо бе сухан мақсади якдигарро дарк карда, рафтор мекунанд. Онҳо мисли одамон рақс карда наметавонанд, аммо «рақси» онҳо, гардиши хуррамонаашон дар атрофи ҳамдигар саршори меҳру вафодорӣ ва ифодаи пазироии беминнат дар назди якдигар аст. Онҳо ба якдигар хиёнат, бевафоӣ намекунанд.

Маро суруди арманитабори эронӣ Вайген (1929-2003) бо номи «Чӯпон» ба мушоҳида водор месозад. Дар он ҳамбастагии қавии ҳаёти одамон бо ҷонварон хеле ҳам олӣ ифода мешавад. Мо аз олами ҷонварони гирду атрофи худ танҳо гӯшт, шир, тухм, пӯст, пашм ва ғайра талаб мекунем, вале фаромӯш мекунем, ки нисбати онҳо хеле бераҳмона муносибат мекунем. Баъзеи онҳоро рамзи ин ё он бадбахтӣ, бадхоҳӣ ё ноороми медонем, аммо фаромӯш мекунем, ки бе онҳо зиндагии мо маънии худро гум мекунад. Бе онҳо зиндагӣ кардан душвор аст. Ин маънои онро надорад, ки пашшае, ки хуни моро бераҳмона мемакад, накушем ва ё меҳрубонӣ кунем. Вале набояд фаромӯш кард, ки ҳар яке аз олами ҷонварон дар зинаи ҳаёти олам, ҷойгаҳи ба худ хосе дорад, ки барои онҳо Парвардигор муайян кардааст. Ё ба қавли Ҷалолиддини Балхӣ:

*Ҳар якеро баҳри коре сохтанд,*
*Ишқи онро дар дилаш андохтанд.*

Дар илми таърихи башарият, алалхусус, дар илми сотсиология таълимоте бо номи тақлидкунонӣ ривоҷ ёфта буд, ки тибқи он одамон дар ибтидо бисёр фаъолияти амалии худро аз ҷонварон дарёфт кардаанд. Масалан, созу наворо аз булбул, ошиқиро аз парвона, хушрафториро аз кабк, бевафоиро аз қумрӣ, дуздиро аз зоғ, бефаросатиро аз зоғи сиёҳ, ҷасуриро аз уқоб, вафодориро аз кабӯтар ва ғайра. Ё ба қавли шоири маъруфи доғистонӣ Расул Ғамзатов, дар ҳар як инсон хулқу атвори гуногуни ҷонварон нуҳуфта шуда, шакл гирифтааст ва дар ҳолатҳои гуногун ошкор мешавад.

Агар ба мавзӯи кабӯтарон баргардем, онҳо бо шафқату меҳрубонӣ, садоқату вафодорӣ, ки Парвардигор дар сиришти онҳо нуҳуфтааст, лоиқи таҳсину ғамхории ҳаррӯзаи мо, бандагони Худо, бояд бошанд.

**Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,**
*ш.ТОШКАНД.*

Ёдбуд

**_Дар толори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим»-и Самарқанд ба муносибати 130-солагии луғатнигору суханшиноси барҷаста Тӯрақул Зеҳнӣ анҷумани илмии байналмилалӣ ба вуқӯъ пайваст._**

# ЭҲТИРОМ БА УСТОДИ СУХАНДОНУ СУХАНСАНҶ

– Шоҳроҳи гуногунпаҳлуи яке аз арбобони барҷастаи маданияти навини тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ бо Самарқанди бостонӣ ва донишгоҳи мо вобаста аст, – гуфт роҳбари Донишгоҳи давлатии Самарқанд Рустам Холмуродов, – зеро ӯ чанд сол дар дорулфунун ба насли наврас таълиму тарбия дод.

Тӯрақул Зеҳнӣ аз шогирдони бовафои устод Айнӣ буда, дар кори таҳияву нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» саҳми арзанда дорад.

– Устод Тӯрақул Зеҳнӣ таҷрибаи зиёди омӯзгорӣ, ноширӣ, муаллифии китобҳои дарсӣ, шоирӣ, тарҷумонӣ ва муҳаққиқиро доштанд, пас аз бозгашт ба Институти забон ва адабиёт бисёр асарҳои ҷолиби диққат навиштанд, – гуфт доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти тоҷики ба номи Рӯдакии Тоҷикистон Абдунабӣ Сатторзода, – аммо хизмати бузурги домулло Зеҳнӣ дар таълифи муҳимтарин китоби худ «Санъати сухан» аст.

Намояндагони Тоҷикистон ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд китобу рисолаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва бадеӣ ҳадя намуданд.

Сипас, иштирокчиёни анҷуман дар тантанаи кушодани лавҳаи ёдгории устод Тӯрақул Зеҳнӣ дар зодгоҳаш – деҳаи хушҳавои Боғимайдон ширкат варзиданд.

Инчунин иштирокчиёни анҷуман дар хона-музейи устод Айнӣ ташриф оварда, китобҳои бадеии тозанашрро ҳадя намуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

Варзиш

# ӮЗБЕКИСТОН – ЯКУМ

**_Дар шаҳри Қӯқанд барои ҷоизаи Президенти Ӯзбекистон миёни писарону духтарони солҳои таваллудашон 2005-2006 мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гӯштии камарбандӣ ба анҷом расид._**



Дар он аз 20 кишвари ҷаҳон 182 варзишгар ширкат карданд. Онҳо шарафи Русия, Муғулистон, Озарбойҷон, Белорус, Исроил, Гурҷистон, Ҳиндустон, Молдова, Руминия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ҳимоя карданд.

Дар 11 вазн писарон ва дар 7 вазн духтарон болои қолин баромаданд.

Аз рӯи натиҷаҳо Ӯзбекистон ҷойи 1-ум, Тоҷикистон – 2-юм ва Қирғизистон 3-юмро ишғол карданд. Варзишгарони вилояти Фарғона дар ин мусобиқаҳо 18 медалро ба даст оварданд.

Дар маросими ҷамъбастӣ ташкилотчиён ба ғолибони ҷойи якум дар ҳар як вазн медалҳо ва 5 миллион сӯмӣ, ба ҷойи дуюм 3 миллион сумӣ, ба ду ҷойи сеюм 2 миллион сӯмӣ, инчунин, диплому тӯҳфаҳои хотиравӣ супурданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# МУҲОРИБАИ ДАСТӢ

**_Дар шаҳри Бухоро байни наврасон ва ҷавонон чемпионати ҷаҳон оид ба ҷанги дастӣ ба амал омад._**

Дар он, ки бо ташаббуси Федератсияи ҷанги дастии Ӯзбекистон ва ҳокимияти вилояти Бухоро сурат гирифт, аз Русия, Белорус, Молдавия, Чехия, Олмон, Туркия, Эрон, Испания – қариб 20 давлат 300 нафар варзишгарон қувваозмоӣ карданд. Байни онҳо 74 нафар спортчиёни мамлакатамон баҳри ҳифзи шарафи диёр мубориза burданд. Дар қувваозмоиҳо духтарон ва ҷавонони наврас аз рӯйи 38 тоифаи вазн мусобиқа карданд.

Бинобар ҷамъбасти ниҳоии мусобиқа байни ҷамоаҳо ҷойи якум ба командаи яккачини Ӯзбекистон, ҷойи дуюм ба варзишгарони Русия ва ҷойи сеюм ба спортчиёни Қазоқистон насиб кард.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**




*Зиёда аз 90 нафар ҳавасмандони шоҳмоти синну солашон гуногуни пойтахт, шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Тошканд дар турнири «Чирчиқ баҳори», ки дар ҳудуди мактаби таълими умумии рақами 25-уми шаҳри Чирчиқ баргузор гардид, иштирок карданд.*

*Ин мусобиқаи васеъмиқёс аз шоҳмотчиёни соҳибтаҷриба сар карда, то дӯстдорони нахустқадамро ба як майдон ҷамъ намуд. Дар рафти мусобиқа шоҳмотбозон новобаста ба синну сол маҳорати худро санҷиданд.*

*Дар ҷамъбасти талошҳо гурӯҳи ғолибони синну солашон гуногун Дилшод Юлдошев (Тошканд), Беҳзод Азизов (намоянда аз шаҳри Ангрен) ва шоҳмотбози паркентӣ Муҳаббат Абдуваҳҳобова бо ифтихорномаву туҳфаҳо тақдиронида шуданд.*

***Дар сурат:*** *лавҳа аз мусобиқа.*

***Суратгир: Р.ГАЛЕЕВ.***

# «ҶАВОНОНИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ, МУТТАҲИД ШАВЕМ!»

**_Дар ноҳияи Пастдарғами вилояти Самарқанд таҳти шиори «Ҷавонони Ӯзбекистони Нав, муттаҳид шавем!» фестивали ҷавонон баргузор гардид._**

Фестивал бо марафони пиёдагардии «Барои тарзи ҳаёти солим – 5000 қадам!» оғоз ёфта, дар идома намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамоатӣ, фаъолони маҳаллаҳо, пиру ҷавон дар майдони «Ӯзбекистони Нав», воқеъ дар шаҳраки Ҷумъаи ноҳия машқҳои тарбияи баданро иҷро намуданд.

Сипас, иштирокдорон аз намоишгоҳи маҳсулоти ҳунармандӣ, кашидадӯзӣ, аслиҳаҳои низомӣ ва таҷҳизоти варзишӣ дидан карданд. Ҷавонони ноҳия силоҳҳои ҳарбиро бо шавқ тамошо карда, дар бораи онҳо аз мутахассисон маълумот гирифтанд.

Инчунин, дар доираи фестивал озмуни китобхонӣ, миёни хонандагони мактабҳо бозии интеллектуалии «Заковат», мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, бозиҳои миллӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ ва рақс доир гардид. Роҳбарони секторҳои ноҳия дар тадбиру мусобиқаҳо иштирок карда, бо ҷавонон сӯҳбат оростанд.

– 5 соли гузашта дар кишварамон беш аз 20 қонун, фармон ва қарори вобаста ба ҷавонон қабул шуд, ки онҳо исботи эътимоди ҳукумат ба ҷавонон – ба оянда ва такягоҳи бовариноки Ватан мебошад, – гуфт сарвари садорати вилоятии Агентии кор бо ҷавонон Ҳусан Тӯхтаев. – Таъмини ҳуқуқ ва манфиати қонунии ҷавонон, амалӣ кардани орзуву мақсад ва нишон додани қобилияту салоҳияти онҳо аз самтҳои муҳиму устувори сиёсати давлати мо ба шумор меравад. Баргузории чунин фестивал барои муттаҳид кардани ҷавонони боистеъдоди кишварамон хизмат мекунад.

Дар фестивал оҳангҳо дар иҷрои оркестри ҳарбӣ низ садо дод. Дар майдони калони маркази ноҳия натанҳо ҷавонон, балки пирони барнодилро низ дидан мумкин буд. Онҳо бо рақсҳои шавқангези худ ба хурсандии ҷавонон ҳамроҳ гардиданд.

Дар анҷом дар майдони «Ӯзбекистони Нав»-и ноҳия барномаи консертӣ доир гардид.

– Ин фестивал барои ҷавонони умедбахши ноҳия аст, – гуфт ҳокими вилоят Э. Турдимов. – Дар Пастдарғам варзишгарон, чемпионҳо ва ғолибони мусобиқаҳои гуногун бисёранд. Фикр мекунам, ки ин дастовардҳо идома хоҳанд ёфт.

Дар фестивал аз шаҳру ноҳияҳои дигари вилоят низ ҷавонон иштирок карданд.

***

**Дар доираи моҳонаи ҷавонон дар Боғи истироҳатии шаҳраки Челаки ноҳияи Пайариқ низ чунин фестивал баргузор шуд. Дар доираи он тадбиру вохӯриҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, намоиши маҳсулоти ҳунармандӣ доир гардид.**

– Ҷавонон дар ҳар давру замон қувваи пешбаранда, нерӯи фаъолу боғайрати ҷомеа буда,ояндаи давлат ба онҳо вобаста мебошад, – гуфт сокини ноҳия Рашид Қаршиев. – Зеро ҷавонон соҳибиояндаи мамлакат ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд.

Дар солҳои истиқлолият дастовардҳои ҷавонон хеле зиёд гардида, аз ҷониби давлату ҳукумат қадрдонии шоиста шудаанд. Барои баланд бардоштани маърифати ҷавонон, ҷалби онҳо ба илмомӯзӣ, дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод ва барои мустаҳкамсозии меҳри ватанпарастии онҳо барномаҳои мақсаднок таҳия ва амалӣ мегарданд. Фестивали ҷавонон низ аз чунин тадбирҳои муҳим ба шумор меравад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

# МАРКАЗИ ҲУНАРМАНДИИ ОИЛАВИИ «МАЛИКА СУЛТОН» КУШОДА ШУД

**_Ин маркази ҳунармандии оилавӣ дар маҳаллаи Шайхулолами шаҳри Бухоро дар асоси фармони Президент аз 17 ноябри соли 2017 «Дар бораи чораю тадбирҳои рушди ҳунармандӣ ва дастгирии ҳаматарафаи ҳунармандон» ба вуҷуд омадааст. Ин бинои сеошёнаи марказ, ки музей низ дорад ва қимати молиявиаш аз 5 миллиард сӯм иборат аст, бо 40 нафар устои ҳунарманд ва қариб 60 нафар шогирд ба фаъолият оғоз кард._**



Яке аз ҳунармандони машҳури Бухоро, ки дар соҳаи зардӯзию кашидадӯзии санъати амалии халқ мактаби ба худ хос офаридааст, Маҳфуза Салимова (вай ғолиби номинатсияи «Бонуи соҳибкор»-и озмуни «Ташаббус» аст) сарвари ин марказ буда, фарзандону наберагонаш, шогирдони сершумораш ҳоло анъанаи хонадонро идома медиҳанд.

Ба маросими кушодашавии ин марказ ҳокими вилоят Б.Зарифов, раиси Кумитаи Сенати Олий Маҷлис Б.Сайфуллоев, президенти Шӯрои умумиҷаҳонии ҳунармандон Саъд ал-Қаддумӣ ва дигарон ташриф оварда, аҳли ҳунар ва хонадонро муборакбод намуданд.

Намоиши маҳсули дастони ҳунармандони эҷодкор, мӯдҳои миллӣ, барномаи консертии устодони санъат иштироккунандагони тадбирро хушнуд кард. Ҳар як чизи хуб зуд мегузарад. Дар доираи барномаи фестивал тадбирҳои гуногун, тиҷорату тамошо, мулоқотҳои дӯстона бо иштироккунандагони тадбир, рақсу сурудҳо, манзараи дилкаш болои ҷозибаи шаҳри куҳан ҷозибаи нав зам мекард.

Дар чеҳраи мардуми маҳаллию хориҷӣ, меҳмонону мизбонон осори фараҳмандӣ падидор буд. Дили пиру барно аз лаззати дидори дӯстони дуру наздик ҷӯшу хурӯш дошт.

Майдони Регистони назди қалъаи Арки шаҳр боз серодамтар гардид. Дар ин ҷо маросими пӯшидашавии «Фестивалҳои зардӯзӣ, заргарӣ ва кашидадӯзӣ» ба амал омад, ки ин маркази ҳунармандон дар доираи он кушода шуд.

Сарвари ҳунармандони ҷаҳон Саъд ал-Қаддумӣ ба ҳокими шаҳри Бухоро Ҷамол Носиров гувоҳномаро бобати соҳиби мақоми «Шаҳри ҳунармандони ҷаҳон» шудани Бухоро супурд.

Тадбир бо барномаи консертии устодони санъат ва сароядагони ҷавон ба поён расид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**
**Суратгир:**
**Т.ИСТАДОВ (ӮзА).**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4812 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.